**ХУЛОСАИ**

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-031 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм** ***(Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295)***

Парвандаи аттестатсионии №______________________________
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 18 июни соли 2025, №9

Барои сазовор донистани Каримзода Фирдавс Убайдулло – шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фарматсевтӣ.

Диссерататсияи Каримзода Фирдавс Убайдулло дар мавзуи «Таҳияи шаклҳои доругӣ дар асоси дӯлонаи туркистонӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мерӯяд» аз рӯйи ихтисоси 14.04.01 – Технологияи тавлиди доруворӣ ба ҳимоя қабул карда шуд, протоколи №6 аз 19.03.2025, шурои диссертатсионии 6D.КОА-031-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино». Суроға: 734026, ш. Дунанбе, н. Сино, к. Сино 29-31, www.tajmedum.tj, 03.04.2023, №66 (бо ворид намудани тағйиру иловаҳо аз 25.04.2025, №165) тасдиқ шудааст, пешниҳод гардидааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Каримзода Фирдавс Убайдулло 18-уми октиябри соли 1991 таваллуд шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ соли 2014 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси дорусозӣ хатм намудааст. Айни замон иҷрокунандаи вазифаи декани факултети фарматсевтии ДМТ мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи фармакогнозияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва МД «Маркази илмию тадқиқотии фарматсевтӣ»-и ВТ ва ҲИА ҶТ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** академики АМИТ, доктори илмҳои фарматсевтӣ, профессор, сардори раёсати таҳсилоти тиббию фарматсевтӣ, сиёсати кадрҳо ва илми ВТ ва ҲИА ҶТ – Юсуфӣ Саломудин Ҷаббор.

**Мушовири илмӣ:** доктори илмҳои химия, профессори кафедраи химияи органикии ДМТ – Раҷабзода Сироҷиддин Икром.

**Муқарризони расмӣ:** Бобизода Ғуломқодир Мукаммал – доктори илмҳои фарматсевтӣ, профессори кафедраи химияи фарматсевтӣ ва захршиносии МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино»;

Гулмуродов Исомиддин Сафарович – номзади илмҳои фарматсевтӣ, ходими калони илмии Муассисаи илмию таҳқиқотии «Маркази инноватсионии Хитою Тоҷикистон оид ба маҳсулоти табиӣ»-и АМИТ.

**Муассисаи пешбар** – МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон».

Дар хулосаи мусбати худ, ки аз тарафи муқарриз, мудири кафедраи фармакология ва микробиология МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон» номзади илмҳои фарматсевтӣ Саидов Некрӯз Давлатович имзо шудааст, қайд менамояд, ки кори диссертатсионии Каримзода Фирдавс Убайдулло аз рӯйи муҳиммият, навгонии илмӣ, ҳаҷм ва сифати вазифаҳои иҷрошуда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастоварда, саҳеҳият ва асосноккунии хулосаҳо ба талаботи бандҳои 31, 33, 34-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Каримзода Фирдавс Убайдулло оид ба мавзуи диссертатсия 12 кори илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст. Интишороти довталаб нуктаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд, ҳаҷм умумӣ 2,62 саҳифаи чопӣ, саҳми муаллиф 83% мебошад.

Таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия. Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандае, ки КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия намудааст:

1. Каримов, Ф.У. Растаниҳои авлоди Crataegus L. – манбаи маводи доругӣ ва дурнамои онҳо [Матн] / Ф.У. Каримов, С.И. Раҷабов, М.А Ҳайдарова // Симурғ. (Маҷаллаи илмии тиббӣ). Нашрияи Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон, 12 (4) – 2021. – С. 148-153.
2. Каримов, Ф.У. Омӯзиши нишондиҳандаҳои фармако-технологии меваҳои Crataegus turkestanica ва Crataegus pontica / Ф.У. Каримов [Матн] // Илм ва фанноварӣ. – №3. – Душанбе, 2022. – С. 183-188.
3. Каримов, Ф.У. Омӯзиши фитохимиявии қисматҳои алоҳидаи дӯлонаи туркистонӣ (Crataegus turkestanica) [Матн] / Ф.У. Каримов, С.И. Раҷабзода, С.Ҷ. Юсуфӣ // Илм ва фанноварӣ. – №2. – Душанбе, 2023. – С.117-127.
4. Каримов, Ф.У. Таҳияи технологияи экстракти хушки меваҳои дӯлонаи туркистонӣ (Crataegus turkestanica pojark), ки дар Тоҷикистон мерӯяд [Матн] / Ф.У. Каримов, С.Ҷ. Юсуфӣ, С.И. Раҷабзода // Илм ва фанноварӣ. –№2. – Душанбе, 2024. – С.138-143.

***Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шудаанд:***

1. Доктори илмҳои тиб, профессор, узви вобастаи АМИТ, мудири озмоишгоҳи фармакологияи Институти химияи ба номи В.И. Никитинаи

АМИТ – Раҳимов И.Ф. Тақриз эрод надорад.

2. Доктори илмҳои фарматсевтӣ, профессор, мушовири илмии ширкати фарматсевтии «Азия Фарм Групп»-и Ҷумҳурии Узбекистон, шаҳри Тошканд – Махмуджанова К.С. Тақриз эрод надорад.
3. Доктори илмҳои фарматсевтӣ, профессор, коршиноси Кумитаи фармакопеявии Иттиҳоди иқтисодии Авруосиёӣ, декани Мактаби дорусозии ҶСҒТ (Ҷамъияти саҳомии ғайритиҷоратӣ) Донишгоҳи миллии тиббии Қазоқистон ба номи С.Д. Асфендияров Сакипова З.Б. Тақриз эрод надорад.
4. Доктори илмҳои фарматсевтӣ, профессори кафедраи химияи фарматсевтӣ ва идораву иқтисодиёти фарматсевтии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – Саидов Н.Б. Тақриз эрод надорад.
5. Доктори илмҳои химия, профессори химияи физикӣ ва коллоидии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – Раҳимова М. Тақриз эрод надорад.

Дар тақризҳо муҳиммияти мавзуи кори диссертатсионӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии натиҷаҳои бадастомада дарҷ гардидаанд. Инчунин, кори диссертатсионии Каримзода Фирдавс Убайдулло таҳқиқоти ба анҷомрасидаи тахассусии илмие мебошад, ки ба ихтисоси 14.04.01 – Технологияи тавлиди доруворӣ мувофиқат мекунад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарматсевтӣ мебошад. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо нисбат ба соҳаи фарматсевтӣ ба дастовардҳои хуб ноил гаштаанд, дар ин соҳа корҳои илмӣ ва аз рӯйи мавзуи интихобшуда таълифоти илмӣ доранд. Аз ин лиҳоз, ба кори диссертатсонӣ оид ба мубрамияти мавзуъ, нововарии илмӣ ва аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастомада баҳои холисона дода метавонанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд,** ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ: **<u>коркард карда шуд:</u>** таҳияи технологияи экстрактҳои моеъ ва хушки меваҳои дӯлонаи туркистонӣ (МДТ), инчунин, таҳияи таркиб ва технологияи ғилофакҳои сахти желатинӣ дар асоси экстракти хушки меваҳои дӯлонаи туркистонӣ (ЭХМДТ).

Истифодаи методикаҳои нав дар рафти таҷриба хосиятҳои сифатан нави объекти таҳқиқотро ***ошкор менамояд.***

**Пешниҳод шудааст,** ба даст овардани ғилофакҳои сахти желатинии «Дӯлона-кард» дар асоси экстракти хушки меваҳои дӯлонаи туркистонӣ дар шароити истеҳсолии «Маркази илмию тадқиқотии фарматсевтӣ»-и ВТ ва ҲИА ҶТ.

**Исбот шудааст**, бемориҳои дилу рагӣ (БДР), бахусус, бемории ишемияи дил ва фишорбаландии шараёнӣ, инчунин, бемориҳои мағзисарӣ сабабҳои асосии корношоямӣ, маъюбӣ ва фавти аҳолии бисёр кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ва рӯ ба инкишоф, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Таҳияи ғилофакҳои "Дӯлона-кард" метавонад дар соҳаи илм ва истеҳсолоти ватанӣ саҳмгузор бошад.

**Ҷорӣ намудани** натиҷаҳои корҳои диссертатсиявӣ: омӯзиши фито-химиявии моддаҳои фаъоли биологӣ дар раванди таълими фанҳои химияи фарматсевтӣ ва фармакогнозия дар кафедраҳои химияи фарматсевтӣ ва заҳршиносӣ (санади татбиқ аз 13.11.2023); коркарди технологияи маводи экстраксиявӣ дар раванди таълими фанни технологияи дорусозии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино (санади татбиқ аз 18.01.2024); истифодаи корҳои таҳқиқотӣ дар раванди гузаронидани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ тавассути тавсеаи иттилоот дар бораи омӯзиши фито-химиявии моддаҳои фаъоли биологӣ дар Институти илмию таҳқиқотӣ (ИИТ)-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ДМТ) (санади №144 аз 20.09.2023); дар раванди таълими фанҳои кафедраи технологияи фарматсевтӣ, фармакогнозия, ташкил ва иқтисоди фарматсия, фармакология ва фармакологияи клиникӣ, хизмати фарматсевтӣ ва иттилооти фарматсевтии МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» ҳангоми омӯзиши фанни технологияи дорусозӣ (санади татбиқ аз 25.01.2024); таҳияи шаклҳои доругӣ дар асоси меваҳои дӯлонаи туркистонӣ (санади татбиқ аз 25.01.2024) ва технологияи ба даст овардани экстракти моеи меваҳои дӯлонаи туркистонӣ (санади санҷишӣ (апробатсиявӣ)-и 008-ҲМ аз 25.01.2024) дар пойгоҳи дорусозии Парки технологии ДМТ; технологияи ба даст овардани экстракти хушки меваҳои дӯлонаи туркистонӣ дар ИИТ-и ДМТ (санади санҷишӣ (апробатсиявӣ) №23 аз 19.02.2024); технологияи экстракти моеи дӯлонаи туркистонӣ (санади санҷишӣ (апробатсиявӣ) аз 27.02.2024) ва технологияи экстракти хушки дӯлонаи туркистонӣ (санади санҷишӣ (апробатсиявӣ) аз 23.03.2024) дар маркази таълимӣ, илмӣ ва истеҳсолии «Фарматсия»-и МДТ ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино; технологияи ба даст овардани ғилофакҳои сахти желатинии «Дӯлона-кард» бо экстракти хушки меваҳои дӯлонаи туркистонӣ дар шароити истеҳсолии «Маркази илмию тадқиқотии фарматсевтӣ»-и ВТ ва ҲИА ҶТ (санади санҷишӣ (апропатсиявӣ) аз 14.05.2024) мавриди истифода қарор дода шуд, истифода бурдан мумкин аст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо ин асоснок карда шудааст,** ки дар асоси омӯзиши технологияи ба даст овардани экстракти моеъ ва хушк, инчунин, ғилофакҳои сахти желатинӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва ба тариқи таҷрибавӣ тасдиқ карда шудаанд.

**Вобаста ба масъалагузории диссертатсия, истифодаи самаранок** ба усули саҳеҳии кор дар он аст, ки натиҷаҳои бадастомада бо истифодаи усулҳои муосири дорои сертификат ва шаҳодатномаҳои амалкунандаи санҷишидошта мавриди истифода қарор дода шуд. Бо усулҳои коркарди оморӣ дақиқӣ ва дурустии натиҷаҳои таҳқиқот муқаррар карда шуд. Ин имконият медиҳад, ки онҳо боэътимод ҳисобида шаванд.

**Баён шудани** ашёи хоми доругии дӯлона дар амалияи тиббӣ, дар таркиби доруҳо барои пешгирӣ ва табобати БДР ба таври васеъ истифода мешавад.

**Ошкор гардидани** аҳаммиятнокии дӯлонаҳо – дӯлонаи туркистонӣ танҳо дар доираи як гурӯҳи маҳдуди моддаҳои фаъоли таркиби он омӯхта шудааст, ки барои таҳияи шаклҳои доругӣ дар асоси он нокифоя мебошад. Бинобар ин, таҳқиқи васеи МДТ бо мақсади ба даст овардани маводи доругӣ барои истифодаи БДР масъалаи умда ба шумор меравад.

**Омӯхта шуданд** айниятикунонии МФБ, муайян кардани таркиби миқдори онҳо, интихоби нишондиҳандаҳои бартариятноки технологии ашёи хоми МДТ, таҳияи таркиб ва технологияи экстрактҳои моеъ ва хушки МДТ, инчунин, ғилофакҳо дар асоси ЭХМДТ, муайян намудани шартҳо ва мӯҳлати нигоҳдории онҳо, хусусиятҳои заҳролудкунии ғилофакҳои сахти желатинӣ дар асоси ЭХМДТ мебошад.

**Аз нав такмил додани** усулҳои маъмулӣ ва муосир.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки: натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии озмоишгоҳҳои илмӣ, таълимӣ ва кафедраҳои муассисаҳои олии тахассуси фарматсевтӣ истифода бурда мешаванд.

**Коркард ва ҷорӣ карда шуданд, ки** натиҷаи таҳлилҳоро дар соҳаи дорусозӣ барои баҳодиҳии маводҳои доругӣ ва истифодаи оқилонаи растаниҳои доругӣ дар Тоҷикистони ҷорӣ намуд. Маводро метавон дар раванди таълими фанҳои химияи органикӣ, химияи фарматсевтӣ ва технологияи фарматсевтӣ барои гузарондани курсҳои махсус дар муассисаҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурд.

**Муайян карда шуданд** технологияи экстракти моеъ ва хушки меваҳои дӯлонаи туркистонӣ.

**Офарида шуд** натиҷаҳои бадастомада бо истифодаи усулҳои таҳлили ҳозираи оморӣ коркард шудаанд. Коркарди сифатии натиҷаҳо мувофиқи талаботи ФД ФР, нашри XIV, бо истифода аз бастаи барномавии Statistica 8.0 гузаронида шудааст.

**Муаррифӣ карда шуд** растаниҳои оилаи дӯлонаҳо, махсусан, меваҳои он аз ҷиҳати химиявӣ ба таври васеъ омӯхта шудаанд ва як қисми онҳо мартабаи фармакопеӣ доранд. Омӯзиши фитохимиявии МДТ дар муқоиса бо навъҳои фармакопеявӣ дараҷаи маълумият ва эътимоднокии объекти таҳқиқро таъмин мекунад. Аз ин рӯ, таҳқиқоти минбаъда дар доираи муайянкунии таркиби химиявии МДТ гузаронида шуданд, ки онҳо асосҳои назариявии коркарди минбаъдаи меваҳо то ба маҳсулоти тайёрро таъмин намудаанд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** нишон дод, ки ашёи хоми растаниҳои доругии дӯлона дар амалияи тиббӣ, дар таркиби доруҳо барои пешгирӣ ва табобати БДР ба таври васеъ истифода мешавад. То имрӯз шумораи хеле зиёди таҳқиқоти бунёдии ватанӣ ва хориҷӣ оид ба паҳншавии БДР нашр шудаанд. Самаранокӣ ва бехатарии доруҳои қалбии растанигӣ, махсусан, маводи доругӣ дар асоси навъҳои дӯлона, инчунин, пешгирӣ ва табобати БДР бо истифодаи онҳо аз ҷониби олимон таҳқиқ шудааст [Кароматов И.Ҷ. ва муаллифон, 2017; Бекболатова Э.Н., 2017; Анцышкина А.М. ва муаллифон, 2018; Морозова Т.В., 2019; Гусакова В.А., 2019; Сагарадзе, В. А., 2019; Куркин В.А. ва муаллифон, 2020; Шайхутдинов И.Х., 2021; Еникеева К.И., 2023; Волкова Н. А., 2023].

**Ғоя асоснок шудааст, ки** гиёҳдармонӣ дар асоси ашёи хоми доругии дӯлона маводи универсалии қалбӣ буда, самаранокии табобатии он бо ҳамтаркибёбии маҷмуӣ самтҳои мушаххаси таъсири фармакологии он вобаста аст. Маводи фитотерапевтӣ доираи васеи таъсир доранд ва ҳангоми истифодаи онҳо дар якҷоягӣ бо доруҳои тавлифӣ (синтезӣ)-и муосир дар табобати БДР хеле самарабахш ба ҳисоб мераванд.

**Истифода шудаанд** тафсири натиҷаҳои бадастомада бо истифода аз усулҳои муосири коркарди иттилоот ва таҳлили оморӣ амалӣ карда шудааст.

**Муайян шудаанд** таркиби фитохимияи МДТ, технологияи бартариятноки экстракти моеъ ва хушки МДТ, ичунин, таҳияи ғилофакҳои “Дӯлона-кард” дар асоси ЭХМДТ, ки дорои таъсири кардиотонӣ дошта, барои беморихои ишемияи дил ва фишорбаландии шараёнӣ тавсия мешавад.

**Истифода шудаанд, ки** усулҳои таҳлили муосири оморӣ: миёнаи арифметикӣ, хатоии он, ҳадди ақал ва максималии он муайян карда шудаанд. Дар таҳқиқот таҷҳизоти аз аттестатсияи метрологӣ гузашташуда ва сертификат/санади дорои мувофиқаткунанда истифода бурда шуд. Ҳангоми иҷрои таҳқиқот аз усулҳои дахлдори дар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ додашуда истифода гардид. Дар асоси таҷрибаҳои андӯхта нишондоди усулии «Дастурамали ҷамъоварӣ ва коркарди аввалияи меваҳои дӯлонаи туркистонӣ» таҳия карда шуд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:** диссертатсия аз муқаддима, шаш боб, хулоса, рӯйхати адабиёт, дар ҳаҷми 164 саҳифа, пешниҳоди 41 ҷадвал ва 24 расм мураттаб гардида, аз қисматҳои зерин: рӯйхати ихтисорот, муқаддима, шарҳу тавзеҳи адабиёт, мавод ва усулҳои таҳқиқот, натиҷаҳо ва муҳокимаи онҳо, ҷамъбаст, хулосаҳо, рӯйхати адабиёт, ки 156 манбаъ (135 манбаи ватанӣ ва кишварҳои ИДМ, 21 муаллиф аз хориҷи дур)-ро фаро гирифтааст, таркиб ёфтааст.

Дар маҷлиси 18-уми июни соли 2025 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Каримзода Фирдавс Убайдулло бо дараҷаи илмии номзади илмҳои фарматсевтӣ аз рӯйи ихтисоси 14.04.01 – Технологияи тавлиди доруворӣ.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 11 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 3 – нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Овоз доданд: тарафдор – 11, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
д.и.т., профессор Азонов Ҷ.А.

Котиби шурои диссертатсионӣ,
н.и.т., дотсент Юлдашева У.П.

18.06.2025

имзои/подпись Азонова Ҷ.А. Юлдашевой У.П.
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
«18» 06 2025 с/г